«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент
________ Наҷмиддиниён А.М.
24 октябри соли 2024

# ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи "Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ " аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Файзалии Мирзоалӣ 5 ноябри соли 1993 дар ноҳияи Муъминобод ба дунё омадааст. Соли 2011 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 8 – деҳаи Боғи Ҳабиби ноҳияи Муминобод хатм карда, худи ҳамон сол Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба факултети физика, математика ва информатика дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2015 бо ихтисоси информатика хатм намудааст. Сол 2017 зинаи магистратураро дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Томски Федератсияи Россия бо ихтисоси математикаи олӣ ва информатика хатм карда, дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз соли 2020 то 2023 аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба сифати унвонҷӯ фаъолияти илмӣ таҳқиқотӣ бурдааст.

Ӯ айни замон ассистенти кафедраи "Барномасозӣ ва низомҳои зеҳнӣ"- и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст. Роҳбари илмӣ – д.и.п., профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович мебошад.

Дар ҷаласаи васеи шуъбаҳои педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз ҷониби муқарризон ва иштирокчиён қайд карда шуд:

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешрафти соҳаи илму маориф, ки ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ таъкид доштанд: “Ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадами муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимикоммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯй ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон қарор дорад”.

Вобаста ба ни, мавзуи диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ мубрам ва дархури тақозои замони муосир буда, ба ттаври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондани рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯ ва эҷодии хонандагон тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ арзёбӣ мешавад.

Диссертатсияи мазкур ба масъалаи асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ  тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ равшанӣ меандозад.

Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводи мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо таълиф намуда, фикру андешаҳои худро дар такя бо нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳои пешниҳодкардашуда арзёбӣ намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории диссертатсия мувофиқат мекунад.

Мубрам будани мавзуи тадқиқоти мазкур дар он аст, ки ба шарофати рушди бемайлони илм ва технологияи нав, ҳамчунин воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ дар ҳаёт ва фаъолияти инсони муосир – муҳити нави иттилоотӣ ба вуҷуд омад, ки ба инкишофи босуръати тафаккури техникӣ ва қобилияти фикррониии мустаҳкаму мустақили насли наврас нигаронида шудааст. Ба туфайли

соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба фазои иттилоотию коммуникативӣ ҳамроҳ шудани он дар мамлакат барои инкишофи тафаккури техникӣ имконияти мусоид ба миён омад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал тадбиқ намудани иқдоми мазкур ҳуҷҷатҳои муҳиму саривақтиро мураттаб ва қабул кард, ки ҳар кадоми онҳо барои рушди ҳадафмандонаи самти мазкур зарур ба ҳисоб меравaнд.

Қобилиятҳои эҷодии хонандагон, дар madди аввал мушкилоти ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташкили равандҳои таълимӣ-тарбиявӣ, ки ба рушди эҷодӣ мусоидат карда, дар татбиқи ғайристандартии донишҳо омода буда, роҳи беҳтарини худро дар ҳалли масъалаҳои гуногуни касбӣ ва рӯзмарра ёфта метавонад, гузошта мешаванд.

Дар асоси зиддиятҳои ҷудошуда мушкилоти тадқиқот муайян карда шуд ва он аз норасоии коркардҳои илмӣ-тадқиқотии асосҳои рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ дар истифодабарии ТИК-и МТМУ иборат аст, ки он интихоби мавзуи тадқиқотӣ: «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ».–ро муайян кард.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамии мавзуи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ карданмукин аст:

Муҳақиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Асоси методологии таҳқиқотро қазияҳои асосгузорандагони фалсафа, педагогика, психология, инчунин санадҳои қонунгузории мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили воситаҳои иттилоотӣ, технологияҳои коммуникатсионӣ, компютерикунонӣ ва коркарди методикаи мувофиқи омӯзишӣ дар ҷараёни таълиму тарбия равона шудаанд, ташкил доданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал тасаввурот оид ба омодагии мутахассисони оянда дар соҳаи информатика ҳангоми омӯзиши ТИК ба системаи омӯзиш имкон медиҳад, моҳияти ин қобилиятҳо ҳамчун хусусияти фаъолияти касбии мутахассис на ба шабеҳсозии утилитарии иттилоот, ки одатан дар амалияи таълимии мавҷуда истифода мешавад, балки ба баландбардории фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон тавассути

ҳамкории иштирокчиёни раванди таълим дар ҷараёни муколамаи интерактивӣ, ки аз ҷониби захираҳои электронии таълимӣ амалӣ карда мешавад, ба вуҷуд оварда шавад. Амсилаи рушди қобилиятҳои нишондодашуда дар шароити низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохтор, дараҷаҳо ва марҳилаҳои рушди омодагиҳо) мушаххас карда шудааст. Истифодаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши ТИК коркард, ҷузъҳои мақсаднокӣ, муҳтаво ва протсессуалӣ муайян ва хусусиятҳои онҳо дар ҳар яке аз марҳилаҳои рушди омодагиҳои қайдшуда ошкор карда шуданд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Дар боби якум «Асосҳои педагогии омӯзиши тик дар таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ» номгузорӣ шуда, дар он оид ба инкишофи босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дастовардҳои назарраси компютерӣ ва барномарезӣ, захираҳои иттилоотӣ дар низоми маориф, марҳилаҳои инкишофи технологияи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва ҳисоббарор маълумот оварда шудааст.

Дар боби дуюм «Роҳҳои истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии ба рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон мусоидаткунанда» номгузорӣ шуда, бо номи «Принсип ва меъёрҳои муайнкунандаи мундариҷаи истифодаи ТИК дар МТМУ»; зикр гардидааст, ки ҳангоми дар раванди омӯзиш ҷорӣ кардани ТИК доимо иқтидори васеъшавандаи зеҳнии ҷомеа, ки дар шакли фонди чопӣ ҷамъоварӣ шудааст, фаъолиятҳои илмӣ, истеҳсолӣ ва дигар машғулиятҳои аъзои ҷомеаро фаъол гардонида, қобилияти фикрронии таълимгирандагонро рушд медиҳад, малакаи мустақилона аз худ кардани дониш ва фаъолиятҳои таълимӣ-иттилоотӣ ва таҷрибавӣ-тадқиқотиро ташаккул дода, намудҳои гуногуншакли корҳои мустақилона оид ба коркарди иттилооти бадастомада татбиқ карда мешавад.

Дар охири ҳар як боби диссертатсия хулосаи мантиқии маводи илмии таҳлилу баррасишуда ҷамъбаст карда шудааст.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шинсномаи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

Аз ҷониби муқарризони холис, аз ҷумла Лутфуллоева П. қайд карада шуд, ки бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат ва диссертатсия баъзе эродҳо ба чашм мерасанд. Ба мисли:

1. Хулосаю пешниҳодоте, ки дар автореферат оварда шудааст кӯтоҳу сатҳӣ буда, такмилу тақвият карда шавад.

2. Дар мундариҷа параграфи 1.1 вуҷуд надорад.

3. Матни автореферат бо забони русӣ таҳрирро металабад. Барои мисол баъзе калимаҳои тарҷума қобили қабул нестанд. Чун: пасмуосир, додаҳо, абарматн ва ғайра.

4. Дар баъзе расми ҷадвалҳо гуфта ишора рафтааст, вале худи расмҳо нестанд. Чун: саҳ. 62, 67...

5. Дар диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба чашм мерасад, ки ислоҳи саривақтиро тақозо менамояд.

Муқарризихолиси дуюм Камолзода С. дар тақризи худ зикр кардааст, ки дар баробари натиҷаҳои дар рисола ба даст омада норасогиҳои зеринро низ қайд кардан мумкин аст:

1. Дар рисолаи диссертатсионӣ рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯ-эҷодии хонандагон тавассути ТИК пешниҳод гардидааст, аммо истифодаи интернет пешкаш нашудааст.

2. Дар диссертатсия оид ба таҳқиқоти олимони ватанӣ нисбатан кам маълумот оварда шудааст.

3. Дар диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи саривақтиро тақозо менамоянд.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоиши таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақолаҳои илмии зерини дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон батабърасида муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд:

[1-М]. Файзали М. Марҳилаҳои омӯзиши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар тадкиқотҳои дидактикии бунёдӣ [Матн] / М. Файзали // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 274-279.

[2-М]. Одинаева С. А. Усулҳои истифодаи ТИК-и муосир дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ [Матн] / С.А. Одинаева, М. Файзалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10. – С. 243-246.

[3-М]. Файзали М. Истифодаи ТИК барои ҳалли масъалаҳои

таълимӣ ва идоракунии раванди таълим дар низоми маъориф [Матн] / М. Файзалӣ, Р.Р. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10. – С. 201-205.

[4-М]. Файзали М. Методикаи истифодаи технологияҳо дар раванди таълим [Матн] / М. Файзали // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 267-273.

[5-М]. Файзали М. Современные электронные средства обучения [Текст] / М. Файзали, С. Рафиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №1/4 (10). – С. 205-210. – ISSN-2074-1847.

[6-М]. Файзали М. Тамоюлҳои инкишофи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ [Матн] / М. Файзали // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. – №1-4 (80). – С. 39-42.

Ҷаласаи муштараки шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, шуъбаи табиию риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва иштирокчиён

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи “Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи “Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгу аст.

3. Ислоҳи камбудиву эрод ва тавсияҳои аз ҷониби муқарризону иштирокчиёни ҷаласаи муштарак ироашуда ба зимаи роҳбари илмӣ Мирзоев А. ва довталаб Файзалии Мирзоалӣ гузошта шавад.

4. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи “Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” барои ҳимоя пас аз пешниҳоди маълумоти муфассал ба раиси ҷаласа доир ба ислоҳи камбудиву эродҳо ва тавсияҳои

аз ҷониби муқарризону иштирокчиёни ҷаласаи муштарак ироашуда ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, аз 24 октябри соли 2024, протоколи №11 баррасӣ ва қабул карда шудааст, ки дар он аз узви шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Шербоев С. – д.и.п., профессор ва. Каримзода М. – д.и.п. иштирок намуданд.

Дар ҷаласа 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 10 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Л.Иматзода

Котиби ҷаласа Ю.Ҳасанзода

*Имзои Л. Иматзода ва Ю.Ҳасанзодаро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М. Абдуллозода